# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» вобаста ба қабули диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик»,барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Ҳангоми таҳлил ва натиҷабардории рисолаи диссертатсионии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик », комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.(раис), доктори илмҳои педагогӣ,профессор Исломов О.А., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Камолова М.Ф.ба хулосаи зерин омаданд:

1. Кори диссертатсияии ба ҳимоя пешниҳод намудаи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» ,дар марҳилаи имрӯза ба яке аз масъалаҳои ҳалталабу мубрами соҳаи педагогика бахшида шуда,аз таҳлилҳо бармеояд,ки рисолаи илмӣ мустақилона ва бо риояи талаботҳои мавҷуда нисбати корҳои диссертатсионӣ иҷро гардидааст. Вазифаҳо,ки дар ибтидои таҳқиқот дар пеш гузошта шудааст,роҳи ҳалли худро ёфта,дар охир бо пешниҳодҳои нави илмӣ-методӣ ҷамъбаст гардидааст.Диссертатсия ба равияи ихтисоси Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ(Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқ буда, ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ пешбинӣ шудааст, ҷавобгӯй мебошад. Дар тадқиқоти унвонҷӯй масъалаҳои

ҳалталаби соҳаи маориф ва илми педагогикаи муосир мавриди таҳлил ва натиҷабардорӣ қарор дода шудааст,аз ҷумла,ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён бо истифода аз намуд ва усулҳои муосири таълим; дарёфти роҳҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён тавассути технологияи муосири иттилоотӣ; коркард ва ба роҳ мондани чорабиниҳои гуногуни педагогӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ; истифодаи унсурҳои педагогикаи миллӣ дар ташаккулёбии салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён тавассути дарси таърихи халқи тоҷик; омӯзиш ва муайян намудани мушкилотҳои истифодаи бомавриди ғояҳои педагогикаи миллӣ ҳангоми корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ. Вазифаҳои дар коркарди диссертатсия гузоштаи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон аз он гувоҳӣ медиҳанд,ки дар марҳилаи имрӯза ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва истифодаи бомавриди ғояҳои педагогикаи миллӣ ҳангоми корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва сифатан беҳтар намудани он муаммои ҳалтаби соҳа буда, аҳамияти махсус пайдо кардааст.

2. Диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон ба талаботи бандҳои 31-33-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки ба диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илм муқаррар кардааст,ҷавобгӯй мебошад.

3. Мавзӯи рисолаи илмӣ,сохтори аппарати илмӣ,мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқ мебошад.Кори диссертатсионӣ ҳамчунин ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳо, ки аз рӯи он бо

Қарори Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад,ҷавобгӯй мебошад.

4. Ба навгонии тадқиқот,ки муаллифи диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқот ноил гардидааст, нуктаҳои зеринро дохил намудан мумкин аст: 1. роҳҳои самараноктари аз бар намудани донишҳои таърихӣ тавассути ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шудааст; 2. таълими босалоҳияти фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳаматарафа таҳлилкарда шудааст; 3. мақоми ҷанбаҳои психологӣ - педагогии дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯён зимни омӯзиши фаъни таърихи халқи тоҷик муайян карда шудааст; 4. мавқеи ҷаҳонбинии илмӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ- маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳлил карда шудааст; 5.роҳҳои ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён тавассути таълими фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пешниҳод карда шудааст.

5. Мақсаду фарзия ва вазифаҳое,ки дар аппарати илмии диссертатсия гузошта шудааст,аз нигоҳи илмӣ роҳи ҳалли худро ёфтааст. Хулосаҳои ниҳоии диссертатсия бобарибахш ва асоснок мебошанд. Мазмуни асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии аз чоп баровардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Автореферат ва маводҳои нашршуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Усулҳо ва методологияи дар диссертатсия истифодашуда ба мавзуи он комилан мувофиқат менамояд.

6.Натиҷаҳои асосии кори илмӣ-таҳқиқотӣ ва мазмуни ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулосаҳо ва мӯҳтавои диссертатсия дар 7 мақолаи илмии аз чоп баровардаи муаллиф инъикоси худро ёфтаанд, ки 4 номгӯи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Шумораи интишорот дар маҷаллаҳои

илмии тақризшаванда ба талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқат мекунад.

7. Дар кори диссертатсионӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон маълумотҳои нодуруст ҷой надоранд.

Умуман кори диссертатсионии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи « Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик», тадқиқоти ҷамъбастшуда ва мустақил буда, ҳалли масъалаҳои муайяни соҳаи таҳсилоти миёнаи касбии кишварро пешниҳод менамояд.Интихоби мавзӯъ,сохтор,мазмун ва мӯҳтавои кор ба талаботҳои барои диссертатсияҳои номзади илмҳои педагогӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Бо назардошти банди 53 "Низомнома оид ба шуроҳои диссертатсионӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад:

1. Кори диссертатсионии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» , ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии зерин таъин карда шаванд:

1. **Абдураҳимов Қудратулло Саидович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

2.**Манонова Раъночон Абдурахмоновна** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

3. **Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шавад.

4. Ба чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Ба ҷойгир кардани эълон дар бораи ҳимоя дар сомонаи МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.
**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов О.А.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Камолова М.Ф.